# ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ПЕШГИРИИ ОН

Терроризм ва экстремизм дар микёси умумичахонӣ хеле пахн гардида, хатари калони ичтимоӣ дорад. Он ба кишвари мо, ки як чузъи чудонашавандаи чомеаи чахонӣ мебошад, низ тахдид менамояд. Чи тавре, ки Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар хар баромади худ кайд менамоянд: **“Терроризм ба ягон дин, мазхаб ё миллат хос нест, яъне террорист ватан, миллат ва дину мазхаб надорад”** . Ин гуфтахо гувохӣ он аст, ки ин амалхои номатлуб ба ягон дин ё миллат дахл надорад.

Шомил гардидани чавонон ба харгуна хизбу харакатхои ифротӣ аз он далолат медихад, ки мардум аз маърифати хукукӣ ва худшиносӣ дур буда, бехабар аз таълиму тарбияи насли наврас мебошанд. Инчунин нодуруст истифода бурдани воситахои муосири техникӣ ва хусусан телефонӣ мобилӣ мебошад. Барои бартараф намудани чунин камбудихо кишвари мо саъю кӯшиш менамояд. Бо дастуру супоришхои бевоситаи Рохбари давлат дар кишвар муассисахои нав ба нав, корхонахо, заводу фабрикахо сохта ба истифода дода шуда, ахолии кишвар бо кор таъмин гардида истодааст. Дар муассисахо барои тахсили хонандагон шароитхои хеле хуб фарохам оварда шудааст. Дар ин чода вазифаи падарону модарон ва омӯзгорон ин аст, ки фарзандонро тахти назорат карор дода, истифода бурдани телефонӣ мобилиро махдуд кунем. Боз як муаммои дигаре ба вучуд омадааст, ки аксарияти волидон барои манфиати худ фарзанди худро аз хониш дур мононда онхоро ба хорич бурда истодаанд. Аксарияти он хонандагоне, ки аз дигар кишвар бармегарданд, сохиби дониши паст, фикрронии галат буда, рафтору кирдорашон фарк мекунад ва нисбати хониш хунукназарона нигох менамоянд. Бесавод шудани насли ояндаи миллат ин рӯ ба таназзул ниходани давлат мебошад.

Бояд дар хамбастагӣ осоиши халкамонро нигох дорем, бетараф набошем, то ин ки хар як фард дар Ватани азизи хеш - Точикистони сохибистиклол зиндагии ободу осоишта ба сар барад. Чавонон хамчун нерӯи пешбаранда, ворисони асилу арзандаи миллату давлат

ва созандагони имрӯзу фардои Точикистони азиз бо хисси баланди миллӣ пояхои давлатдории миллиамонро хамчун гавхари ноёб эхтирому нигох доранд, хамчун нерӯи бузурги созанда ва сипари боэътимоди давлатамон бар зидди хама гуна хатархои терроризму экстремизм бо роххои пешбинӣ намудаи конунгузорӣ мубориза баранд.

Бинобар ин моро зарур аст, ки хамчун шахрванди хамин кишвари ободу ором дар мачрои чахонишавӣ бо дарки масъулият истиклолияти худро натанхо бо шиору гуфтор, ситоишу парастиш, балки бо мехнати софдилона ва самимӣ дар хама сохахо тахким бахшем, бепарво ва бемасъулият набошем ва барои тарбияи насли наврас дар рухи ватандӯстӣ, худогохиву худшиносӣ, инчунин чалби онхо дар корхои созандагиву ободкорӣ, хифзи дастовардхои истиклолият, тахким бахшидани вахдати миллӣ сахмгузор бошем.

**Гавхар Бобозода -**

**директори МТМУ 1 ба номи академик Бобочон Гафурови нохияи Зафаробод**